
Озар

ББК 84 тоҷик 7-5
О-33

Мероси Насимбеки Қурбонзод №

**Аз раиси вилояти Хатлон мӯҳтарам Ғайбулло Авзалов, ки дар нашри китоб саҳмгузорӣ кард, сипосгузорам.**

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

***Озар.* Гуфтугӯи нахлу моҳ.** — Душанбе: «Истеъдод», 2010. – 100 саҳ.

**© Озар, 2010.**

# ҒАЗАЛҲО

Мероси
Насимбеки Қурбонзод
№

# ДИЛИ ШИКАСТАТАРИНАМ

***Ба имоми аъзам Абӯҳанифа***

Дили шикастатаринам ҳамеша ҷои ту бод,
Сабоҳи ҳашр қиёми сапедазои ту бод.

Ту сархатӣ зи хати сурхи тозиёна ба дӯш,
Мақоми ҷумлаи оянда аз қафои ту бод.

Хилофи ҳақ ки накардӣ, ба ноҳақат куштанд,
Хилофати дили ушшоқ хунбаҳои ту бод.

Сари баланд ниҳодӣ ба пои ҳазрати Дӯст,
Надидамат, ки бигӯям сарам ба пои ту бод.

Хутути рӯи кафам матни ин дуо бошад:
Ба ҳар куҷо ки кафе ҳаст, дар дуои ту бод.



## БОРОН

Ҳама ҷо ҳавои борон, ҳама ҷо ҳавои борон,
Хабари баҳор дорад хати ошнои борон.

Дили ман шикаста навъе, ки намешавад баробар
Ба шумори пораҳояш ҳама қатраҳои борон.

Ҳама сел гашта, гарчи сари худ ба санг кӯбад,
Надиҳад дареғ таскин нафаре барои борон.

Ва ба кулли даҳр дорад дилам иртиботи обӣ,
Ки дили ман аст ҷорӣ ҳама ҷо ба ҷои борон.

Ба хазон баҳор додан асаре зи ҳамнишинист,
Бирасад садои Исо ба ман аз садои борон.

## ШАҲОДАТИ ЛОЛА

Ҷуз лола ҳеч гул ба шаҳодат намерасад,
Ин мартаба бидуни ҳидоят намерасад.

Бар файзи як табе, ки кунад лола аз гудоз,
Файзи ҳазорсола ибодат намерасад.

Гул руст аз ибодати борон, дигар магӯ,
Подоши мо зи саҷдаву тоат намерасад.

Аз нардбони аҳди шабоб омадам ба зер,
Дастам ба себи сурхи муҳаббат намерасад.

Ширин кунам ба мисраи ширин хиёлро,
Хурмо агар зи нахли вилоят намерасад.

## АЗ ТАБОРИ ГУЛ

Чу аз табори гулу хеши навбаҳоронӣ,
Бимон, ки гиря кунам дӯстдори боронӣ.

Ҳазор умед дар атрофи ишқ мечархад,
Ва ишқ даври ту, ки хуби рӯзгоронӣ.

Ба бегуноҳии хешу ба бепаноҳии хеш
Шабеҳи ашк ба чашмони интизоронӣ.

Дилам ба пеши ту аз ҳар ғубор озод аст,
Зулоли замзамаи оби чашмасоронӣ.

Хулоса мешавӣ, Озар, ба чанд қатраи ашк
Чу озарахш ту аз хайли сӯгворонӣ.



## ТАНҲОЙ

Ҳамеша гиряи мо аз ҷафои танҳоист,
Ки ишқ низ ҳамин моҷарои танҳоист.

Агар дуруст бигӯям, баҳонаест ғазал,
Даруни дафтари мо гиряҳои танҳоист.

Чи оҳу нолаи дарё, чи шикваи борон,
Ҳар он садо, ки шунидӣ, садои танҳоист.

Барои ман, ки ҳама умр будаам танҳо,
Фано идомаи ин рӯзҳои танҳоист.

Ба ҳашр низ ҳама дар ғами худаш бошад,
Ку он ҳисоб, ки ӯ мунтаҳои танҳоист.

# БАҲОР

Баҳор имрӯзҳо монанди ман чашми таре дорад,
Ба ҳар ҷо бингарам, аз ашк ғамгин манзаре дорад.

Чӣ шуд бо осмон, бо шоири рангинкамонэҷод,
Тиҳӣ аз шеърҳои офтобӣ дафтаре дорад.

Магар ошиқ бувад монандаи ман осмон имсол,
Парешон асту ҳар соат хиёли дигаре дорад.

Ғубори ғуссаро бо бода мешӯяд дили нозук,
Ҳамеша гул зи тарҳи сурати худ соғаре дорад.

Намепурсам сабаб бар гиряҳои осмон, Озар,
Ки медонам миёни абрҳояш озаре дорад.

## ШИКАСТАТАРИН

Ливои сурхи набардӣ, дили шикастатаринам,
Хушам ба ҳар чӣ, ки кардӣ, дили шикастатаринам.

Кӣ дод нисбати рангат ба арғавонии садбарг?
Варақ-варақ ҳама зардӣ, дили шикастатаринам.

Ба даври ишқ, ки даври балову ғуссаву ранҷ аст,
Чӣ мешавад, ки нагардӣ, дили шикастатаринам.

Ҳарост синаи тангам, аз осмони муҳаббат
Нузули ояти дардӣ, дили шикастатаринам.

Чӣ хуш турост ба қомат либоси сурхи хиҷолат,
Ки моли Озару сардӣ, дили шикастатаринам.

## ЗУҒОЛИ ВОЖА

Сар бохтем, баски паноҳе надоштем,
Мо ғайри ишқ ҳеч гуноҳе надоштем.

Дар зулмате, ки буд варо ном зиндагӣ,
Фонус ғайри шуълаи оҳе надоштем.

Ҷуз орзу нишоти дили мо набуд,лек
Он низ рӯзи ҳодиса гоҳе надоштем.

Мавзун шудем, баски саропо шудем ашк,
В-арна ба сӯи шеър нигоҳе надоштем.

Озар, зуғоли вожа зи номи ту даргирифт,
Ҳамди Худо, ки ҷони сиёҳе надоштем.

## ХАТИ ИСТИВО

Зи бас муқайяди яъс аз суроғи инсон аст,
Дилам шабеҳи худам аз ҳама гурезон аст.

Муаллими фани ҷуғрофиёи дил мегуфт,
Ки ин ҷазираи кӯчак макони тӯфон аст.

Яқин, ки ҳаст хати истивои одам дил,
Зи абри ишқ дар ин ҷо ҳамеша борон аст.

Зи асри санг ҳамин як ақида монд ба ҷой,
Ки нозукони ҷаҳонро шикастан осон аст.

Чунин навид расидам зи шайхи роёна,
Ки матни сафҳаи дил бо ҳуруфи Қуръон аст.

Дилам шабеҳи худам ҳаст ин замон, оре,
Дилам шабеҳи худам аз ҳама гурезон аст.

## МАДРАСАИ САБЗИ ЧАМАН...

Шеър аз мадрасаи сабзи чаман бояд гуфт,
Ҳарф аз қоли гулу ҳоли суман бояд гуфт.

Ҳосили боғ чӣ бисёру чӣ зебост вале
Сухан аз гиряи беҳосили ман бояд гуфт.

Ишқ худ чист, агар нест гузаштан аз худ,
Боз, оре, сухан аз дору расан бояд гуфт.

Кист гӯяд зи ман ин ҳарф ба мардони сухан,
Шеър нозуктарак аз хотири зан бояд гуфт.

Дар ватан гуфтани мо нест муҳаббат рӯшан,
Шарм меоядам он ҷо, ки ватан бояд гуфт.

## БО ҲАМА ХУБӢ...

Баҳор бо ҳама хубӣ кам аст бе рӯят,
Саломи лола саломи ғам аст бе рӯят.

Бузургтар зи фазои ғазал бувад, оре,
Масоҳате, ки дар он мотам аст бе рӯят.

Канори ҷӯй, ки аз дида кардаам ҷорӣ,
Бунафшавор сари ман хам аст бе рӯят.

Дилат ба ҳоли дили шоирон насӯхт магар,
Ки дар ба рӯи ғазал муҳкам аст бе рӯят.

Биё, баҳори хиҷилгаштаро тамомӣ бахш,
Баҳор бо ҳама хубӣ кам аст бе рӯят.

## ШУКӮҲИ СУРХИ ҲИНО

Даруни боғчаи қалбам шукӯҳи сурхи ҳинои ту
Миёни хун бикашад охир маро ба сина ҳавои ту.

Туро мисоли ватан ҷӯям чу лӯлиён зи ҳама олам,
Ало, азизтарини дил, бигӯ, куҷост сарои ту.

Чу шамъ ҷони сапедамро нисори омаданат созам,
Тулӯи поки саҳар, эй дӯст, ҳазор шамъ фидои ту.

Гиёҳгуна равонам сабз аз он бувад, ки ҳамерезад
Ба гӯш замзамаи борон маро зи абри садои ту.

Бихезу панҷараро во кун, ки боди субҳ биёвардаст
Саломи як дили бишкаста зи роҳи дур барои ту.

Мероси Насимбеки Қурбонзо

# КАЪБАИ САБЗИ ГИЁҲ

Бо ёди моҳ бод ғарибона оҳ кард,
Эҳсоси рашк синаи шабро сиёҳ кард.

Дарки ман аз шариати ишқ аст ин қадар,
Ҳар кас, ки дил надод ба ёре, гуноҳ кард.

Одам зи як табассуми гандум фиреб хурд,
Оғоз дарси ишқ ҳамин иштибоҳ кард.

Ин ишқ ҷодаест, ки поён надоштаст,
Дар рӯдбор чашма магар қатъи роҳ кард?

Аз ҷазби ишқ буд, ки борон ба боғ рехт,
Бояд тавофи каъбаи сабзи гиёҳ кард.

## ҒАЗАЛИ ЗИМИСТОН

Сармо кашиданист равонро зи пайкарам,
Рӯзи сиёҳи барфи сафед аст бар сарам.

Сармо кабуд карда маро, ишқ сӯгвор,
Гирди сарои дӯст мисоли кабутарам.

Дилмонда аз навиштани шеърам, ки мебарад
Бо ёди барф сафҳаи испеди дафтарам.

Соқӣ, вале барои ту як шеъри тоза ҳаст,
Бар шарти он, ки бода бирезӣ ба соғарам.

Шояд, ки гулрухони ҷаҳон ёд мекунанд,
Аз ман дар ин ҳавои зимистон, ки Озарам.

# ЭЙ ИШҚ

Эй ишқ, орзуи [illegible] ман аз ҳар ду оламӣ,
Дунболаи туам, [illegible]м, ки зи ҳар чӣ муқаддамӣ.

Дил хун кунӣ [illegible] ҳамешаву мавзун кунӣ сиришк,
Мероси шоиро[illegible]онаи Ҳаввову Одамӣ.

Пас аз билоди [illegible] ранҷ диҳӣ ком ташнаро,
Як ҳавз оби Кавсару як чашма Замзамӣ.

Ҳар кас туро [illegible]шинохт, назокатшинос шуд,
Дарвешвор бо[illegible] ғазалу шеър ҳамдамӣ.

Вирди лабам [illegible]зи ҷумлаи авроди дар ҷаҳон
Ҷуз оҳ-оҳ нест, ки оҳи муназзамӣ.

Дар дарси ту [illegible]ба ҷумъа ниёзе наёфтам,
Дил хуш кунам ба гиря, ки моҳи муҳаррамӣ

## ВОРАСТА

Ворастаам, вораста аз оғоз, эй дӯст,
Як осмон мехоҳаму парвоз, эй дӯст.

Сабз аст, андӯҳи дилам ҷовид сабз аст
Чун сарвҳои шеър дар Шероз, эй дӯст.

Дасти дигар мехоҳам, оре, дасти дигар,
Дасте, ки бикшояд дари эъҷоз, эй дӯст.

Ҳарфи баланд аз дард бояд ҷуст, дарё
Дар шом рӯшан медиҳад овоз, эй дӯст.

Аз хок бо ин табъи мавзуне, ки дорам,
Дар сурати сарве бирӯям боз, эй дӯст.

## ЛАБХАНД ЗАН...

Бе ту агар гӯям ғазал, аз норавонӣ хун шавад,
Мавзуни ман, боз ой, то ин сактаҳо мавзун шавад.

Ин ашки шодӣ ҳам ба рӯ ёдовари ҳузн асту бас,
Ҳатто зи борони баҳор оҳанги ғам берун шавад.

Лабханд зан, лабханд зан, ҳар лаҳза бо ранги дигар,
Ранги дигар то ҳар замон шеъри маро мазмун шавад.

Хоҳам чу борон дар паят резам, вале фаҳмидаам,
К-аз ҳузни боронии ман ҷони ту ҳам маҳзун шавад.

Эй дастҳоят меҳрубон, аз марги худ тарсам аз он-к
Лайло фаромӯши ҳама баъд аз сари Маҷнун шавад...

## БЕ ТУ ДАР ХИЁБОНҲО...

Биё-биё, ки сафо нест дар хиёбонҳо,
Сукут ҳасту садо нест дар хиёбонҳо.

Шукуфаҳои сафаркарда хуб медонанд,
Баҳор бе ту раво нест дар хиёбонҳо.

Биё-биё, ки дилам танг мешавад бе ту,
Ки нестиву ҳаво нест дар хиёбонҳо.

Ту рафтаиву дарахтон сукут меварзанд,
Ҳамин далели азо нест дар хиёбонҳо?

Куҷо равам, ки дилам мунфаҷир бихоҳад шуд,
Барои фоҷиа ҷо нест дар хиёбонҳо.

## ФИРЕБХУРДАИ ШИРИНӢ

Ширин агар мисоли табассум нест,
Ҳарфат қабули хотири мардум нест.

Одам фиребхурдаи ширинист,
Беҳуда ханда дар лаби гандум нест.

Тӯфони шеър баҳрдилон донанд,
Мурдобро маҷоли талотум нест.

Зебост инфиҷори дили ошиқ,
Ҳар фоҷиа кирои тараҳҳум нест.

Озар шавад ба ҳоли худаш сӯзад,
Наҷме, ки дар миёнаи анҷум нест.

## ГАНДУМФИРЕБХУРДАИ ҲУСН...

Тақвимро агар ҳамаи маҳ муҳаррам аст,
То гиряро тамом кунам аз ғамат, кам аст.

Кӯтаҳ мабин ба дафтари ушшоқ исми ишқ,
Бо кӯтаҳӣ чу сураи «Алҳамд» аъзам аст.

Бар бедилон зи боби ғазал дарс медиҳад,
То шонаро ду зулфи ту сатри муназзам аст.

Гандумфиребхурдаи ҳуснем, ишқи мо
Такрори ошноии Ҳаввову Одам аст.

Беҳуда нест дар дили мо нуқтаҳои доғ,
Бе рӯи ту шукуфтани гулҳои мотам аст.

Эҳсоси хушкгашта куҷо, шеъри тар куҷо?
Чашми дилам ҳамеша аз ин моҷаро нам аст.

## САРВИ ҲАСРАТ

Саҳоб азми сафар кардаву пушаймон шуд,
Ба хотири гули рӯят дубора борон шуд.

Ба ҳар кучо нигарӣ сарви ҳасрат аст баланд,
Биё ки боғи дилам бе ту ҳасратистон шуд.

Умед ҳаст зи урдубиҳишти дидорат,
Тамузи гарми дилам гарчи рӯ ба обон шуд.

Ба тарки ҷомаи сабзаш, ки дошт накҳати дин,
Биҳиштманзараи дашти гул биёбон шуд.

Китоби умри ту, Озар, саҳоб буд магар,
Ба гиря сар шуда буду ба гиря поён шуд.

# ҚАСИДА МЕНАВИСАД БАРФ...

Қасида менависад барф андар дафтари чода,
Баланду дермону обдору рӯшану сода.

Вале боғи назокатфаҳм рӯи байтҳои ӯ
Барои интиқод аз сарвҳо ангушт бинҳода.

Дар ин фасли зимистон аз Худои хеш мехоҳам,
Бухориву нигори меҳрбону шишаи бода.

Ҳамехоҳам равам, то дӯстро бар хонаам орам,
Вале, метарсам аз як иттифоқи содаи сода.

Замин чун шиша лағжон асту ман як шиша
дил дорам,
Мабодо бишканад ин шиша рӯи шиша афтода.

## ҲАНӮЗ...

Ҳанӯз зиндаам, аммо фақат ба хотири ту,
Надими ғуссаи дунё фақат ба хотири ту.

Ҳанӯз мекунам, оре, зи рӯи маслиҳати дил
Ба хешу ғайр мудоро фақат ба хотири ту.

Ҳанӯз шоирам, оре, ки рӯи сафҳа бирезам
Ду–се чакомаи зебо фақат ба хотири ту.

Ҳанӯз ғарқи шукуфа, ҳанӯз борвар аст,
Ниҳоли сабзи таманно фақат ба хотири ту.

Ҳанӯз ҳавсала дорам, ҳанӯз чашм ба роҳам
Вуқӯи муъҷизаҳоро фақат ба хотири ту.

## АНДӮҲИ МАВЗУН

Он чӣ мақсад аз ғиреви тунди тӯфон аст,
Соате рам додани хоби биёбон аст.

Раъдбонги изтироби осмон гоҳе,
Беҳтар аз афсонаҳои хоби борон аст.

Нозукӣ ҳаргиз далели нотавонӣ нест,
Чеҳраи гул рӯ ба рӯи марг хандон аст.

Метавон аз сурати зарди хазон дарёфт,
Тирамоҳ аз куштани гулҳо пушаймон аст.

Метаровад ашкҳоям дардҳоямро,
Шеър мавзун гаштани андӯҳи инсон аст.

## АММО КАЙ?

Гуфтӣ, ки меоям шабе аз дур, аммо кай?
Чун шамъи рӯшан дар миёни нур, аммо кай?

Гуфтӣ ки меорам бароят ояте дар лаб,
К-онро надорад мусҳафи ангур, аммо кай?

Гуфтӣ, ки бо субҳи булӯрин мезанам пайванд,
Шоми туро, эй ошиқи маҳҷур, аммо кай?

Гуфтӣ, ки мепӯшам ба дасти хеш бовар кун
Урёниятро ҷомае аз сур, аммо кай?

Аз дур, ҳамчун шамъи рӯшан дар миёни нур,
Гуфтӣ, ки меоям шабе...
маъзур, аммо кай?



## МИСЛИ ҲАВОИ ИМШАБ

Абрист дидаҳоям мисли ҳавои имшаб,
Сӯг аст мунтаҳоям мисли ҳавои имшаб.

Дорам ситорагуна бас доғҳои сӯзон,
Дилро чу во намоям мисли ҳавои имшаб.

Не зарри барқ дорам, не сими моҳ дар каф,
Бисёр бенавоям мисли ҳавои имшаб.

Ҷуз чуғди хонавайрон, ҷуз бодҳои ҳайрон
Кас нест ошноям мисли ҳавои имшаб.

Мурдаст орзуям, буғз аст дар гулӯям,
Озурда аз қазоям мисли ҳавои имшаб.

Эй қавми зиндадаргӯр, аз чашматон агар дур
Рафтам, дигар наоям мисли ҳавои имшаб.

## БЕ ТУ

Гирифт дафтари ман ранги арғавон бе ту,
Ки ҳарф - ҳарф бувад захми хунчакон бе ту.

Ба табъи нозукат, эй меҳрабонтарин, савганд,
Чӣ қадр ҳаст ҳамин зиндагӣ гарон бе ту.

Дуо кунам, ки расӣ бар мусибати пирӣ,
Ки мурд дар ғами дидор як ҷавон бе ту.

Кабуд мисли ду чашми ту ҳаст, мегӯям
Ҳамеша рози диламро ба осмон бе ту.

Катибаест ба гӯри дили ғарибин ман
Ҳуруфи мехии девори устухон бе ту.

## АШКИ ҲИНОБАСТА

Дилам - ин шишаи бишкаста, чӣ ҳам меҳоҳад?
Ин кабутар, ки бувад хаста, чӣ ҳам меҳоҳад?

Ҳамаи хок ҳамин, ҳиммати афлок ҳамин,
Дару дарвоза ҳама баста, чӣ ҳам меҳоҳад?

Низ аз ишқ, ки навъе зи таллуқҳо ӯст,
Дили ман гашт чу вораста, чӣ ҳам меҳоҳад?

Дили ман буд, ки дар зулмати шабҳо месӯхт,
Дигар ин оташи биншаста, чӣ ҳам меҳоҳад?

Ғаразаш шӯҳрати зебоии ғам нест агар,
Чашм аз ашки ҳинобаста чӣ ҳам меҳоҳад?

## ДИЛИ ДОҒ

Чу офтоб дили худ агар, ки доғ кунем,
Шаби набудани маҳ хешро чароғ кунем.

Ҳанӯз сурх тавон кард дашти берангӣ,
Агар ки маърифат аз лолаҳо суроғ кунем.

Сафар набурд ватанро зи ёд, ҳамчу насим
Бурун зи боғ ҳикоят зи бӯи боғ кунем.

Бидеҳ ба кӯрии чашми Таҳамтанам бода,
Ки бӯи хуни писар дур аз димоғ кунем.

Сиёҳ кардани Озар бад-он ҳамемонад,
Ки сарф ранги сияҳро ба боли зоғ кунем.

## ЯК БОҒ РӮШНОӢ

Як дам ҷудо набудам аз ҳасрати ҷудоӣ,
Сад войи ошноӣ, сад войи ошноӣ.

Хоки мазори ошиқ сарсабзи орзуҳост,
То ҳашр мекунад гул андӯҳи боҳамоӣ.

Як шоха нур бошад ангушт дар кафи ту,
Даҳ шоха мешавад худ як боғ рӯшноӣ.

Ҳар ҷо, ки рехт хуне нақшаш наметавон шуст,
Доғе пиёла дорад аз ранги сурхи чойӣ.

Он даст, к-аз сари ғам мекӯбамаш ба зону,
Болест, мефишонам дар ҳасрати раҳоӣ.

# ОҒОЗИ ҶУНУН

Ҳангоми ҳарф рӯ ба худам буд ин саҳар,
Оғози гуфтугӯ ба худам буд ин саҳар.

Афшондаам гилеми дил аз чанги содагӣ,
Падруди орзу ба худам буд ин саҳар.

Посух ҳамешудам ба суоле, ки доштам,
Яъне хитоби «ӯ» ба худам буд ин саҳар.

Дилмондаам зи қавми гаронгӯши хобдӯст,
Фарёду ҳоюҳу ба худам буд ин саҳар.

Бегона ёфтам ҳамаро бо ғами дилам,
Чашмам зи чор сӯ ба худам буд ин саҳар.

З-ин баъд номи ман ба ҷунун шуҳра мешавад,
Оғози гуфтугӯ ба худам буд ин саҳар.

## МО МЕТАВОНЕМ!

На ман, эй ҳамватан, «мо метавонем!»
Ману ту ҳар ду якҷо метавонем.

Агар «мо» гаштаем, уфтад чи осон,
Ҳамон коре, ки танҳо метавонем.

Дамидан рӯҳи тоза бар тани қавм
Ба монанди Масеҳо метавонем.

Ба сӯи қиблаи мақсуд рафтан
Чу шамс аз шарқи дилҳо метавонем!

Ниҳодан хишти он тарҳе, ки бошад,
Душанбе ҳам Бухоро, метавонем.

Чаро тарсем аз фардои имрӯз?
Ки мо имрӯзу фардо метавонем.

Сутун бар боми меҳан қомати мост,
Ва медонӣ чаро?
Мо метавонем!

# ПАРЧАМИ МИЛЛӢ

Дирафши Коваи оҳангарӣ, эй парчами миллӣ,
Намои эътиқоду боварӣ, эй парчами миллӣ.

Намоёнӣ миёни садҳазорон рамзи дунёй,
Шукӯҳи асли моро минбарӣ, эй парчами миллӣ.

Ба домони ту дида ахтаронатро, ҳамегӯем,
Самои бахти моро ахтарӣ, эй парчами миллӣ.

Ту рамзи Тоҷикистонӣ, ба ҳар як гӯшаи олам,
Ҳумои бахт болои сарӣ, эй парчами миллӣ.

Тамошои туро танҳо сари боло тавонад кард,
Фидоят ман, шуҷоатофарӣ, эй парчами миллӣ.

## ГУФТУГӮИ НАХЛУ МОҲ

Ҳатто зи баъди хатми нубувват гуноҳ монд,
Борон тамом гашту тани шаб сиёҳ монд.

Чун нахл сар задам, ки ба маҳ гуфтугӯ кунам,
Маҳ рафту дар бисоти лабам барги оҳ монд.

Ҷуз оташаш ба фасли хазон нест муштарӣ
Каҳро, ки ҳарзавор зи килки гиёҳ монд.

Гӯянд дил мадеҳ, ки бувад иштибоҳ, лек
Одам тамоми умр дар ин иштибоҳ монд.

Шеъри маро ба сояи андӯҳ мекашад
Ҳузне, ки баъди рафтани ту дар нигоҳ монд.

Бар нуктаҳои ашк наарзад гузаштанам
Бо он, ки нотамом маро сатри роҳ монд.



## ҒАМНОК

Имсол навбаҳор гули орзу надошт
Боди шукуфасайри чаман низ бӯ надошт.

Майхона ҳам бубаст дари хеш аз ҳаё
Зеро ки оби айш дигар дар сабӯ надошт.

Булбул, ки пор нағмаи мастона мефурухт
Имсол ғайри оҳу фиғон дар гулӯ надошт.

Гул кард бебариву қалам ҳарф гул накард
Ҷуз ашк ҳеч дона хиёли нумӯ надошт.

Ғамнок буд хотири Озар ба пойи гул
Зеро касе зи ишқ сари гуфтугӯ надошт

*1993 сол.*

## ШАБ БО ҲАЗОР ЧАШМ...

Зулмат гумон мабар, ки панаҳ мекунад туро
Шаб бо ҳазор чашм нигаҳ мекунад туро.

Дар шоми дашт фосила гир аз нигоҳи гург
Кизб аст ин чароғ, табаҳ мекунад туро.

Ғофил машав, ки бохабар аз умри даргузар
Андӯҳи сабзгуни гияҳ мекунад туро.

Мавзун чу об бош, ки аз дил ғубор дур
Шеъри равони чашмаи раҳ мекунад туро.

Озар, ба ғайри шеъри ғами рӯзгор нест,
Хокистаре, ки ранг сияҳ мекунад туро.

## МЕШИКАНАД

На ин кабудяхи фасли сард мешиканад,
Ки устухони зимистон зи дард мешиканад.

Баҳор гарди зимистон ба бод хоҳад дод,
Тилисми қудрати номард мард мешиканад.

Камони рангаи дасти фалак надорад зиҳ,
Чу он камон, ки ба рӯзи набард мешиканад.

Ҳазор ранг ба як ранги барф дар ҷанг аст,
Ба рағми ҷамъ чу бархост фард, мешиканад.

Аз офтоб парешид ғунчаи нозук,
Чу рӯй шиша бар оташ бикард, мешиканад.

Суроғи ман накунад кас чу аз гули қоқу,
Барои он, ки дил аз ранги зард мешиканад.

# БО НАРДБОНИ ОБИИ БОРОН

*(Шеърҳо)*

Мероси
Насимбеки Қурбонзод

## ПАРАНДА ВА ШОИР

Як паранда
 ҳамчу шоир,
Дастҳояш - болҳояш дар паси пушт,
Дар канори роҳ
Донаи шеъри наверо ҷустуҷӯ мекард.

Шоире ҳамчун паранда,
Болҳояш-дастҳояш дар паси пушт
З-осмону аз раҳои гуфтугӯ мекард.

# РӮИ ЯК ПОЙ

Ҳамватан,
Паи эъдоми бадӣ
Ман агар бархезам,
Ту агар бархезӣ,
Ҳама кас бархезад.

Ва мабар аз хотир,
Ту агар бигрезӣ,
Ман агар бигрезам,
Ҳама кас бигрезад.

Турна дар соҳати дашт
Рӯи як пой кунад селаи худро бонӣ.
Нахл дар соҳати боғ
Рӯи як пой кунад сояву гулафшонӣ.

Фикри бисёр макун,
Бирасид, он чи расид,
Ва гузашт, он чи гузашт.
Паи эъдоми бадӣ
Ҳама қоим бошем
Рӯи як пои ғурур!

Мисли он нахл ба боғ,
Мисли он турна ба дашт.

Ҳамватан,
Соати хавфу хатар,
Пои дуввуми худ аз ёд бубар!

## ЧӮПОН

Чӯбдасте
Хоб рӯи шонаҳояш.
Ҳар ду дасташ банд дар он.
Мӯи сар жӯлидаву ришаш дамида,
Гӯиё Исост чӯпон.
Қиссаи овардааш дуру дароз аст
Бар фарози кӯҳ
Бо Худо дар минбари роз аст.

## ЭҲСОСИ ҒУРБАТ

Аз баландиҳои тифлӣ
То ба пастиҳои пирӣ,
Бе ту, эй сарманзили мақсуд, эй дарёи ваҳдат!
Зиндагии чашмагунам
Мекунад эҳсоси ғурбат.

# ХУРШЕДҲОИ МОДАР

Ҳар субҳ модарам
Аз маҳбаси танӯр,
Хуршедро ба муъҷиза меоварад бурун.

Хуршедҳои модар,
Доранд таъми хӯшаи гандум.

Хуршеди субҳро,
К-ӯ ҳам шабеҳи нон аст,
Шояд ки модарам
Баҳри Масеҳи зинда фиристодаст.

## ШУҒЛИ ФАҚИР

Дар иҷора
Шуғли мо аз фақр наққошист:
Менигорам ман агар дар сафҳаи дафтар
Сурати хона,
Духтари ман рӯи пояш
Менигорад сурати кафш.

## АНДЕША

Вақте, ки нест
Андар ҷаҳон Ҳаллоҷ,
Ин дорҳо дигар чӣ меҷӯянд?
Суде агар дар дорҳо бошад,
Ин аст, к-онҳоро тавон бишкасту
ҳезум карду ноне пухт.

# КИНГКОНГ

Тане ба андозаи кӯҳ,
Диле ба вусъати саҳро,
Ва эҳсосе дар ҳаҷми дарё дошт.

Ҳарф намезад,
Аммо нигоҳаш шоир буд,
Ва шеър аз ангуштонаш мерехт.

Ошиқ буд,
Ва ишқ ғибта хурдан аст
Ба коре, ки имкон надорад.

## ТАЪРИХ

Дар оғоз,
Осмон ғуборро намедонист,
Зулол бар покии обҳо ғибта мехурд,
Парандаҳо чӣ будани қафасро намедонистанд,
Ва ишқ аз моҳ ба рӯи одам механдид.

Баъд обҳо тира шуданд,
Осмон пушти абрҳо монд,
Ҳаҷми қафас аз андӯҳи мурғони асир лабрез шуд,
Ва одам ба рӯи моҳ по гузошт.

## САДБАРГ

***(Дар зодрӯзи устод Гулрухсор)***

Шаби маҳтоб
Он соат, ки чашми андалебон хоби роҳат дошт,
Шумурдам баргҳоятро, гули зебо.

Бидидам, шаст барги бехазон дорӣ.
Ба худ гуфтам,
чиҳил барги дигар бояд,
Ки асли номи гул дар дафтари ушшоқ садбарг аст.

Дуо кардам:
Худовандо, маро эмин бидор аз марг,
Ки бинам хандаи садбарг.



## ДАРВЕШӢ

Дарвешӣ,
Нишонаи муфлисӣ нест.
Кӯлаборам пур аз танҳоист.

## МУЛОҚОТ

Омад ва гуфт:
Зиндагӣ як сафар аст
Барои мулоқот бо Худо.
Ва дигар наомад.
Бемор будам.

## ХАЗОН

Ба табиби сафедпӯши барф
Бирасонед:
Ҳол вазнин аст,
Боғ бемори зардпарвин аст.

## ПАЖМУРДА

На дигар зард, на сурх,
Рухи ман пажмурдаст.
Ва дукони рангаш
Ашк аз ҷо бурдаст.

## ФАРҶОМ...

Ин қадар талх аст ин анҷоми ишқ,
Талхтар аз гиряи борони пойиз
Дар сукути боғи бебарг.

Талхтар аз оҳи сарди мӯсафедон
Рӯ ба рӯи марг.

Марҳами ман нест дигар, марҳами ман нест,
Ин ғазалҳои заифи номукаммал.
Заҳраи шеър он қадар заҳре надорад,
То дуруштиҳои дарди ишқро дар худ кунад ҳал.

Оби талхи косаи ғурбат
Дар рубоишикваи кӯлобӣ аз Балх аст.
Соғари ишқ
Ин қадар талх аст.

Баъд аз ишқ
Хандаҳо дигар самимӣ нест,
Содагиҳои қадимӣ нест.

Оҳи дил, оҳи ятими пушти дар талх аст.
Ин қадар талх аст мегӯям, азизам,
Ин қадар талх аст.



## ТОК

Сари худро ба замин
Аз лаби бом овард.
Ва панаҳ хӯшаи пистонро кард
Ба таги ҷомаи сабзе аз барг.
Ток ислом овард.

## ОБТАРКИБ

Вуҷуди мову ту, ҷони бародар, обтаркиб аст,
Аз ин рӯ хӯи обӣ дар вуҷуди мо асар дорад.
Ҷудой нест аз дини Муҳаммад аҳли оламро,
Куҷо обест, сӯи саҷда оҳанги сафар дорад.

# ЗАНБУРУҒ

Борон
Ҳамеша пайки шукуфоист.
Ҳатто борони пойиз ҳам.
Лутфан,
Панҷараатро кушо,
Ва нигоҳатро бо нардбони обии борон
Поён бубар,
Одамон
ҳама занбуруғ шудаанд.

## ТАФСИРИ ТАНҲОӢ

Зиндагиям, эй дӯст,
Буд тафсир, ки танҳоӣ чист?
Ва бароям акнун
Марг тафсири нави танҳоист.

## БОҶ

Аз ҳамёни сина
Охирин тангаҳои оҳамро
Ба суратҳисобат рехтам.
Ё Қозиюлҳоҷоти Додгоҳи Илоҳӣ,
Боҷи дарвешонро бипазир!

## ГИРЯИ БИСЁРСУРАТ

Борону абру рӯд бе ман нест
Ҳастам
Дар ҳарчие, ки гиря ӯро хуст,
Ман гиряи бисёрсурат гаштаам, эй дӯст.

## ТАҚВИМИ ҒАМ

Ва напурс аз тақвим
Ту аз он дил, ки дар ӯ ғам бошад.
Масалан, боронро
Ҳамаи сол муҳаррам бошад.

## ҒАМИ МАВЗУН

Чӣ қадар маҳзун аст,
Бахудо шеър ғами мавзун аст.

## КИШТ

Ҳатто дар Қуръон
баъзе ояҳо мансуханд.
Яъне калом,
Мисли замини кишт аст,
Бояд хишова кард.

## РАНГ

Каламоти ман шабеҳи каламоти пешин аст,
Аммо айни онҳо нест.
Ман каламотамро ранг мезанам,
Бошад, ки ишқро бишиносед.

## МАҒЛУБ

Вақте самимитарин дӯстам,
Шеъри шикастамро нашунавид,
Гуфтам,
Ҳатто Фирдавсӣ
Аз Рустами мағлуб безор аст.

## АФСОНА

Гӯш кун, фарзанд,
Буд-набуд як шоире буд.

Ӯ чӣ мекард?
Ғусса мехурд!

Ғуссаи чӣ?
Ғуссаи меҳан, ғуссаи миллат!

Ой падарҷон,
Хуб медонӣ, ки дар афсонаҳо
Ҳеч гаҳ аз миллату меҳан сухан нест.

Гӯш кун, фарзанд,
Ин замон аз миллату меҳан сухан
кардан худаш афсона аст!

## ШЕЪРИ МИЛЛАТ

Дар шамъдони дастҳои мо,
Ангуштҳо бошад шабеҳи шамъ.
З-ин шамъҳо ҷорӣ бувад як ҷӯйбори нур.
Пайванд зан бо дастҳоям дастҳоятро,
То рӯдбори рӯшноӣ дар ватан ҷорӣ шавад, эй дӯст.

Ин панҷаҳои дасти мо истораҳои кӯчаканд, эй дӯст,
Пайванд бо истораи дастам бикун истораи дастат,
Хуршед то ояд аз ин истораҳо берун,
Тоҷикхуршеди мусаммо гашта бо Роғун.

Дар дастҳои мо
Ангуштҳои мо шабеҳи сатрҳои рӯшани шеъранд.

Бе сатрҳои шеъри ангуштони ман, эй дӯст,
Шеъри кафи ту монда бе ном аст.
Бе сатри ангуштони ту, эй дӯст,
Шеъри кафи ман низ ноком аст.

Пайванд зан бо дастҳоям дастҳоятро,
То шеъри дасти мо шавад якҷо,
То шеъри миллат сар занад аз дастҳои мо!

# ШОГУН

Ба рӯи сафҳаи маҳ сурате пайдост
Байни ҳолае аз нур
Ва он сурат шабеҳи тарҳи поки Тоҷикистон аст.

Чӣ ҳикмат дорад, ин оё нафаҳмидед?
Мегӯям:
Аз ин пас зодгоҳи нур мулки покмардон аст!

## БИЛОЛ

Сияҳчурдаро, эй бародар тиҳӣ
Кас аз нур гӯяд, макун бовараш.
Ба шамъ - андарун ресмони сияҳ
Билол асту нури Худо бар сараш.

## ТАРОНА

Ситорае, зи само канду бар замин омад
Ситорае, ки ба ҷуз аз сафову покию нур
Дигар гуноҳ надошт.
Ба марги бачаи кокултило-ш то дами рӯз
Сапед гашт сари шаб,
Зи бас ғирист,гирист.
Агар таронаи моро намекунӣ бовар
Ҳанӯз ашки ӯ андар бисоти гул боқист.

*1990 с.*

## ГУЛИ БОДОМ

Фалак сабз асту аз ӯ сабзтар айём
Ҷаҳон мегустарад бар порсоён дом
Ба девони зимистон мегузорад нуктаи анҷом
Гули бодом!

Канори кӯҳ менолад яке абри сияҳҷома
Ва тундар мекунад дар осмони дур ҳангома
Худоё, ханда дорад ҳамчу духтарҳо канори бом
Гули бодом!

Паёми навбаҳорон аз лабаш оҳиста мерезад
Ва мушки ин паёми сабзро ҳар шоха мебезад
Ҳаметобад мисоли субҳдам дар осмони шом
Гули бодом!

Даме парво надорӣ, эй гули аз ҳарчи зеботар
Аз он барфе, ки дорад ин ҷаҳони золу ғампарвар
Гули ишқи нахустини киӣ ту, эй гули ноком,
Гули бодом!

*1990 сол.*

# ОТАШ ЗИ ҲАМА ЯК САРУ ГАРДАН БОЛОСТ

*(16 рубоӣ)*

## ОТАШ

Эй ишқ, ки тавқи бандагият зебост,
Оташ номат агар гузоранд, равост.
Он кист, муқовимат кунад бо оташ,
Оташ зи ҳама як сару гардан болост.

## ВАТАН

Ҳар даста, ки санг сӯят андохтанист,
Аз санги худаш кори худаш сохтанист.
В-он кас, ки ба теғ сӯи ту тохтанист,
Дар бозии теғи мо сараш бохтанист.

## ЗАРД

Аз баски муқайяди ғаму дард бувад,
Имрӯз дили ман аз ҷаҳон сард бувад.
Ҳарчанд ҳино зи хун бубастаст, вале
Пайдост, ки асли сураташ зард бувад.

## ДУ ОИНА

Ёрон, ки ҳароина ба ҳам биншинанд,
Худро ба муоина ба ҳам биншинанд.
Тасвир якест дар замири ҳар ду,
Ҳар гаҳ, ки ду оина ба ҳам биншинанд.



## ФАТВО

Гӯянд гуноҳи дузд агар гашт яқин,
Қатъи дасташ кунанд бо ханҷари дин.
Фатвои кӣ буд ин, ки нодуздида
Кӯтоҳ ду дасти ман қазо кард чунин.

## САДБАРГ

Садбарги ҷавон, ки ҳечаш оҷанг набуд,
Хушрангии ӯ ба шишаи ранг набуд.
Аз дасти Язиди тирамаҳ гашт шаҳид,
Ин шишаи ранг лоиқи санг набуд.

## ТАЪЗИМ

Дар мазҳаби ишқ то маро таълим аст,
Илме, ки муяссарам шуда, таслим аст.
Бар мазҳаби аҳли осмон аст гувоҳ,
Хуршед, ки сӯи қибла дар таъзим аст.

## ҒУРУБ

Дорад фалак изтироб ҳангоми ғуруб,
Чашмест надида хоб ҳангоми ғуруб.
Изҳори ҳино шудан ба пое будаст,
Сурхидани офтоб ҳангоми ғуруб.

## ТОҶ

Тоҷик, ки фитрати самандар дорад,
Эъҷози қиёми хеш бовар дорад.
Чун шамъ ба ҳиммати касаш нест ниёз,
Аз шуълаи хеш тоҷ бар сар дорад.

## ОЙИНА

Чун рахт аз ин ҷаҳон бубояд бардошт,
Бояд ки диле поктар аз ойина дошт.
Ойина зи баъди хеш дар дафтари ёд
Ҷуз хотираи сафед боқӣ нагузошт.

## МОҲИ БЕТАҚВИМ

Эй ишқ, паи нишот тасмимат нест,
Аз оҳи дили шикастае бимат нест.
Узре, чӣ бузургӣ аз барои гиря,
Он моҳи муҳаррамӣ, ки тақвимат нест.

## ЗУЛМАТУ НУР

Ҳар ҷо мағзест, ҳаст дар дохили пӯст,
Яъне, ки ҳамеша зишт ҳамроҳи накӯст.
Ин зулмату нур ҳарду пайванди ҳаманд,
Шаб дуди чароғи ахтарон аст, эй дӯст.

## ХОКИСТАРИ САФЕД

Бо он ки тиҳидаст чу бед аст, эй дӯст,
Сармояи дарвеш умед аст, эй дӯст.
Маргам нашавад ғубори хотир ба касе
Хокистари шамъҳо сафед аст, эй дӯст.

## ТАМКИН

Дар кори қазо, агар ки тамкин будӣ,
Ҳалли ҳама мушкилот мумкин будӣ.
Марге,ки аз ӯ даҳони мо талх бувад,
Будӣ чу расида дер, ширин будӣ.

## ГИЛОЯ

Ку рӯзу шабе, ки ту ба ёдам нарасӣ,
Чун тир ба қалби номуродам нарасӣ.
Даъвои Худо шудан надорию чаро
Монанди Худо ҳеч ба додам нарасӣ?

## ДАФТАР

Даф хост маҳе, ки шуху қайсар будаст,
Овардаи ман зи саҳв дафтар будаст.
Гуфтанд: «чаро наменавозӣ дафро?»
Лабханд заду бигуфт: даф тар будаст.

# НИҲАМ БА ДӮШИ ХУДАМ БОРИ ОСМОНИ ТУРО

*(Маснавии лирикӣ)*

# ВАТАН

*Тоҷики гарданкаши лашкаршикан*
*Аглаби ӯ найзавару тегзан.*
*Амир Хусрави Деҳлавӣ*

Худои пок, ту эй он, ки меҳрбони манӣ
Ба ҳаққи он ки нахустин билоди ҷони манӣ.
Инояте, ки ҷавон асту тозаҷавлон аст,
Билоди ман, ки мусаммо ба Тоҷикистон аст.
Дилам барои ватан ҳамчу лола таб дорад,
Ҳазор қиссаи ногуфта зери лаб дорад.
Даруни дидаи худ ашкҳои ғам дорам,
Чу абрҳои наборида сад алам дорам.

❁ ❁ ❁

Агарки чашма тахи сангу хок мемонад,
Дигар намешавад ӯ, боз пок мемонад.
Бурун зи банд буванд, арчи пой дар банданд.
Чӣ қадр сирати тоҷику об монанданд.
Ҳавои тоҷ ба тоҷик аслмуштоқист,
Ҳамеша сирати озодагӣ дар ӯ боқист.
Мудом майл ба сӯи раҳоияш бошад.
Чу об хосияти рӯшноияш бошад.

❁ ❁ ❁

Ватан зи гӯшаи имони мост, медонам,
Хати муқаддаси армони мост, медонам.
Агар бидуни ватан ёди роҳат аст маро,
Чу лолаҳо сабаде аз хиҷолат аст маро.
Дуруст, ин ки биҳишт аст Тоҷикистонам,
Диёри ҳуру фариштаст Тоҷикистонам.
Фаришта ҳам зи ҷамолаш ба чарх ҳайрон аст,
Ба рӯи сафҳаи маҳ тарҳи Тоҷикистон аст.



* * *

Ту, эй зи сурфаи ман хурда нон чу ҳамсоя,
Чаро ки нест дилат меҳрбон чу ҳамсоя.
Ду боғи сабз туро додаму нахандидӣ,
Дарам ба рӯи ту бикшодаму нахандидӣ.
Дигар зи хубии дастам дареғ, ҳамсоя,
Чу мениҳӣ ба раҳам дому теғ, ҳамсоя.
Ду боғи хеш, равам, аз ту бозпас гирам,
Ҳавои боғи худамро худам нафас гирам.

❀ ❀ ❀

Маро сабақ бувад аз мактаби муҳаббати худ,
Сутун ба боми ватан мезанам зи қомати худ.
Ду чашми хеш ба шомаш ситора хоҳам кард,
Ба сӯи субҳи умедаш ишора хоҳам кард.
Қасам ба себи дили ман, ки буд меваи дард,
Ҳавои марқади ман бӯи себ хоҳад кард.
Зи оташе, ки бурун з-устухон ба гӯр кунам,
Шаби сиёҳи ватан қиссаҳо зи нур кунам.



* * *

Маро зи марг матарсон, ки ман наметарсам,
Зи марг соати ҳифзи ватан наметарсам.
Қасам ба теғ, ба сатри китоби озодӣ,
Ҷилои теғ бувад офтоби озодӣ.
Ҳамеша найзавару теғзан бувад тоҷик,
Шабеҳи шер ба марзи ватан бувад тоҷик.
Касе, ки теғзану найзавар намебошад,
Туфу кунед, зи пушти падар намебошад.

❁ ❁ ❁

Яке ба модари худ тозиёна мезад сахт,
Ки хоб буду ҳаво сарду ӯ кабуду карахт.
Бад-ин тариқ зи чанги аҷал раҳояш дод,
Ба хеш модари ӯ омаду дуояш дод.
Маро, ки қавм чу он пирзан ба хоб бувад,
Дурушт ҳарф агар мезанам, савоб бувад.
Дуруштҳарфи ман аз хоб мекунад бедор,
Дуруштҳарфи маро оби зиндагӣ ангор.

❁ ❁ ❁

Ба хок колбадамро на з-он дарун созам,
Ки хок гардаму хоки ватан фузун созам.
Қасам ба ишқ, қасам бар муҳаббати покаш,
Ки баъди марг шавам токи сабз дар хокаш.
Дубора хӯшаи ангури ишқ хоҳам шуд,
Шароби косаи махмури ишқ хоҳам шуд.
Адампазир равонам намешавад, оре,
Даме, ки ҳаст ба хоки ватан ватандоре.

❁ ❁ ❁

Ватан чу амр диҳад, ман итоаташ созам,
Дарахтвор ба як пой хидматаш созам.
Дарахтвор кунам соя ошёни варо,
Ниҳам ба дӯши худам бори осмони варо.
Дарахтвор ба поям ситода хоҳам мурд,
Сарам ба пеши касе нониҳода хоҳам мурд
В-агар фитода шавам, дастаи камон гардам,
Силоҳи дӯст алорағми душманон гардам.



❁ ❁ ❁

Худои пок, ту эй он, ки меҳрбони манӣ,
Ба ҳаққи он ки нахустин билоди ҷони манӣ.
Инояте, ки ҷавон асту тозаҷавлон аст,
Билоди ман, ки мусаммо ба Тоҷикистон аст.
Ва бозгашти ҳама сӯи туст, медонам,
Туӣ ба ҳар кӣ дилаш сода, дӯст, медонам.
Кафи ниёзи маро ҷоми дӯстгонӣ бахш,
Бад-ин диёр ту тафреҳи ҷовидонӣ бахш.

# ДУБАЙТИҲО

## КАБУТАР

На аз минову соғар менависам
На аз сарву санавбар менависам.
Ҳама сугам, ҳама сугам, ҳама суг,
Ба ҳар сатре кабутар менависам.

## ЛАНГ

Ба сози фурсат оҳанге надидам
Бақо дар ҳастии ранге надидам.
Давон рафтанд ёрон баҳри дидор
Дареғо, байнашон ланге надидам.

## БОРОН

Яке дар шаҳри мо импаб намехуфт
Ба ҷорӯҳои обӣ кӯча меруфт.
Маро ҳам аз фасоҳат об мекард,
Дубайтиҳои обие, ки мегуфт.

# КАТИБАҲО

## ДАР ЛАБИ ЧАШМА

Ҳаст аз мавҷ табассум ба лабони чашма,
Об ҳам дар бағали модари худ механдад.

## БАРОИ САНГИ ГӮР

Ба ҳар касе, ки бубастам дилам, гирифтам боз,
Дигар ба хоб дилам мекашад, ба хоби дароз.

## ҲӮШДОР

Паранда гар напарид
Парандаро напарон.

# МУНДАРИЧА

Дили шикастатаринам ........................................ 4
Борон ........................................ 6
Шаҳодати лола ........................................ 7
Аз табори гул ........................................ 8
Танҳоӣ ........................................ 10
Баҳор ........................................ 11
Шикастатарин ........................................ 12
Зуғоли вожа ........................................ 13
Хати истиво ........................................ 14
Мадрасаи сабзи чаман ........................................ 15
Бо ҳама хубӣ ........................................ 16
Шукӯҳи сурхи ҳино ........................................ 17
Каъбаи сабзи гиёҳ ........................................ 18
Ғазали зимистон ........................................ 19
Эй ишқ ........................................ 20
Вораста ........................................ 21
Лабханд зан ........................................ 22
Бе ту дар хиёбонҳо ........................................ 23
Фиребхурдаи ширинӣ ........................................ 24
Гандумфиребхурдаи ҳусн ........................................ 25
Сарви ҳасрат ........................................ 26
Қасида менависад барф ........................................ 27
Ҳанӯз ........................................ 28
Андӯҳи мавзун ........................................ 29
Аммо кай? ........................................ 30
Мисли ҳавои имшаб ........................................ 32
Бе ту ........................................ 33
Ашки ҳинобаста ........................................ 34
Дили доғ ........................................ 35
Як боғ рӯшноӣ ........................................ 36
Оғози ҷунун ........................................ 37
Мо метавонем! ........................................ 38
Парчами миллӣ ........................................ 39

Гуфтугӯи нахлу моҳ ........................................ 40
Ғамнок ........................................................ 42
Шаб бо ҳазор чашм ........................................ 43
Мешиканад.................................................. 44

## Бо нардбони обии борон
### *(Шеърҳо)*

Паранда ва шоир .......................................... 46
Рӯи як пой.................................................. 47
Чӯпон ........................................................ 48
Эҳсоси ғурбат.............................................. 49
Хуршедҳои модар........................................ 50
Шуғли фақир............................................... 51
Андеша........................................................ 51
Кингконг..................................................... 52
Таърих........................................................ 53
Садбарг....................................................... 54
Дарвешӣ...................................................... 56
Мулоқот...................................................... 56
Хазон.......................................................... 57
Пажмурда ................................................... 57
Фарҷом ...................................................... 58
Ток............................................................. 60
Обтаркиб.................................................... 60
Занбуруғ..................................................... 61
Тафсири танҳоӣ........................................... 62
Боҷ............................................................. 62
Гиряи бисёрсурат ........................................ 63
Тақвими ғам ............................................... 63
Ғами мавзун................................................ 64
Кишт .......................................................... 64
Ранг ........................................................... 65
Мағлуб ....................................................... 65
Афсона ....................................................... 66
Шеъри миллат.............................................. 67
Шогун ........................................................ 68

Билол........................................................ 69
Тарона...................................................... 69
Гули бодом .............................................. 70

**Оташ зи ҳама як сару гардан болост**
***(16 рубоӣ)***

Оташ........................................................ 72
Ватан ........................................................ 72
Зард .......................................................... 73
Ду оина .................................................... 73
Фатво ........................................................ 75
Садбарг .................................................... 75
Таъзим...................................................... 76
Ғуруб ........................................................ 76
Тоҷ............................................................ 77
Ойина........................................................ 77
Моҳи бетақвим........................................ 78
Зулмату нур ............................................ 78
Хокистари сафед...................................... 79
Тамкин ...................................................... 79
Гилоя ........................................................ 80
Дафтар ...................................................... 80

**Ниҳам ба дӯши худам бори осмони туро**
***(Маснавии лирикӣ)***

Ватан ........................................................ 82

**Дубайтиҳо** ................................................ 95

**Катибаҳо** .................................................. 96

*Озар*

# ГУФТУГУИ НАХЛУ МОҲ

Муҳаррири
техникӣ: ***А. Мираҳмадов***

Ба матбаа 02.03.2010 супорида шуд. Ба чоп 20.04.2010 имзо шуд. Коғази офсетии №1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи $60x84^1/_{16}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,25. Адади нашр 500 нусха. Супориши №37/10.

Нашриёти «ИСТЕЪДОД».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43.


Ҳанӯз зиндаам, аммо фа
ба хотири т
Надимам ғуссаи дунё
ба хотири ту
Ҳанӯз мекунам, оре з
маслиҳати
Ба ҳеҷу ғайр муд
фақат ба
ҳанӯз шоирам, оре,
сарза бире
Ду-се чакомае зебо
ба хотири
„Истьдод“